ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи «Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Осори публитсистӣ ва махсусиятҳои он ҳамчун навъи эҷод аз омилҳои муҳимми тасвири воқеияти иҷтимоӣ дар илми журналистикаи тоҷик башумор меравад, зеро он ба пурра гардидани фазои илм мусоидат мекунад, аз ин рӯ, омӯзиши ин навъи осор ба зарурати воқеии замон табдил ёфтааст. Аз назари дигар, ин навъи омӯзиш дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки мавҷи ахбор ҷомеаро зери таъсири худ қарор додааст, муҳимтар мебошад, зеро таҳқиқи воқеияти иҷтимоӣ дар осори публитсистӣ чун заминае барои дарёфту ташаккул додани василаҳои дурусти таъсиррасонӣ ба тафаккури ҷомеа шинохта мешавад.

Аз ин дидгоҳ, мавзуе, ки аз ҷониби диссертант Зарипова Ш.Т. мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, мавзуи актуалист, зеро ба яке аз бахшҳои муҳимми публитсистика – хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрӣ бахшида шудааст.

Диссертант ҳақ аст, ки ҳамзамон, омӯхтани воқеиятҳои гуногун ва муайян намудани алоқамандии онҳо бо сарнавишт ва эҷодиёти публиситони мушаххас бо мақсади ошкор сохтани қонуниятҳои муҳим ва тамоюлҳои инкишофи фардияти эҷодӣ ва маҳорати ҳунарии онҳо аҳамияти хос дошта, нақш ва ҷойгоҳи онҳоро дар таърихи рӯзноманигории тоҷик дақиқ муайян мекунад. Ба назари мо низ, ин амали накӯ бояд анҷом пазирад, зеро хидматҳои бисёрсола ва бенуқсони рӯзноманигорони ботаҷриба, адибони рӯзноманигор дар инкишофи матбуоти тоҷик, ташаккул ва таҳаввули шаклу мундариҷаи он шоистаи таҳқиқу омӯзиш бо мақсади заминагузорӣ ба рушду густариши минбаъдаи илми соҳавӣ аст.

Муҳаққиқ дуруст мегӯяд, ки фаъолияти босамари рӯзноманигор ва нависанда Ҳилолиён Аскар чунон ки лозим аст, то ба имрӯз таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст, ҳарчанд осори рӯзноманигорӣ ва бадеию публитсистии ин адиб ва рӯзноманигори тавоно “намунаи хоси мавҷудият ва ба ҳам таъсиргузории ҷанбаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ буда, таҳқиқи он бояд дар заминаи хусусиятҳои ғоявию мундариҷавӣ ва бадеӣ анҷом гирад” ва “таносуби андешаҳои публитсистии Ҳилолиён Аскар ба воқеияти рӯзгор, сиёсати давр ва тамоюлҳои ақидатӣ ба эътибор гирифта шуда, моҳияти диди публитсистӣ ва фардияти эҷодии ӯ муайян карда шавад”.

Ҳамин ҳадафҳо ва вазифаҳои амиқи илмӣ диссертантро водор намудааст, ки доманаи баррасии мавзуъро вусъат бахшад ва ин боис гардида, ки диссертатсия аз чор боб ва ҳашт фасл иборат шавад.

Воқеан ҳам, ба хубӣ мушоҳида мешавад, ки дар бобу фаслҳои диссертатсия таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар пурра анҷом пазируфта, гузашта аз он, баррасии ҳаёт ва эҷодиёти ӯ дар воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии замон, нақши омилҳои замон дар ташаккули шахсияти публитсист таҳқиқи мавзуъро мукаммалтар гардонидааст.

Таваҷҷуҳ ба самтҳои асосии фаъолияти эҷодӣ, вижагиҳои мавзуии осор, унсурҳо ва сохтори мундариҷавии онҳо, тасвири симои чеҳраҳои иҷтимоӣ ва ташаккулу таҳаввули онҳо дар осори алоҳидаи публитсист аз паҳлуҳои дигаре ҳастанд, ки нишони баррасии пурраи мавзуъ мебошанд.

Дар ин баробар, дар автореферати диссертатсия камбудиҳо низ мушоҳида шуданд:

- баррасии ҷанбаи ахлоқии осори адиб яке аз ҷузъҳои мақсади таҳқиқ дониста шудааст, аммо тавзеҳи пурраи он мушоҳида нашуд;
- исботи илмии мафҳуми “публитсистикаи бадеӣ”, ки мавзуи яке аз бобҳои диссертатсия аст, ба назар нарасид.

Эродҳое, ки зикрашон рафт, ба арзиши умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ надоранд.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи “Хусусиятҳои мундаричавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, диссертант барои дарёфти унвони номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Мукарриз:
номзади илми филология,
сармуҳаррири Муассисаи давлатии
“Маҷаллаи “Илм ва ҳаёт” Хушдил Раҳимҷон
«22» декабри соли 2022.

Суроғa: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Шерозӣ 16
Тел: (+992) 37 238-50-51, 93-489-26-56
E-mail: khushdil_09@list.ru

Имзои Хушдил Раҳимҷонро тасдиқ мекунам:
Масъули бахши кадрҳои Муассисаи
давлатии “Маҷаллаи “Илм ва ҳаёт” Мирзобедилова Н.А.
«22» декабри соли 2022.

Суроғa: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Шерозӣ 16
Тел: (+992) 37 238-50-51, 501-25-13-67